# «МИЛЛАТИ ҶИСМАН СОЛИМ РУҲАН НИЗ МУҚТАДИР ВА ШИКАСТНОПАЗИР АСТ»

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 26 Апрел, 2025 - 10:09
[1]

Кормандони Кумитаи забон ва истилоҳот дар машқи пагоҳирӯзӣ иштирок намуданд
Душанбе, 26.04.2025. Кормандони Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри таъмини оммавияти варзиш ва таҳкими солимии миллат субҳи 26-уми апрел дар машқи пагоҳирӯзӣ иштирок намуданд.

Мақсад аз роҳандозӣ намудани машқҳои пагоҳирӯзӣ бо иштироки кормандони вазорату идораҳо, пеш аз ҳама, тарғиби тарзи ҳаёти солим, пешгирии амалҳои номатлуб, пешгирии фарбеҳшавӣ ва оммавӣ гардонидани варзиш мебошад. Чорабинӣ бо мақсади иҷрои супориши муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11-уми феврали соли 2025, дар бораи баргузор намудани машқҳои оммавӣ-варзишӣ, солимгардонӣ, машқҳои пагоҳирӯзӣ ва терренкур-роҳгардии саломатӣ таҳти унвони «Миллати ҷисман солим руҳан низ муқтадир ва шикастнопазир аст» доир карда шуд.

**Баҳодиҳии муҳтаво:** Select rating
Баҳои миёна: 5 (2 овоз)

Rate

## Категория:

- Ахбори рӯз [2]

[3]

-

[4]

-

[5]

-

[6]

-

**Манбаъ::**https://www.istilohot.tj/tg/content/millati-chisman-solim-rukhan-niz-muktadir-va-shikastnopazir-ast-1?mini=2026-03

**Пайвандҳо**
[1] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/field/image/IMG-20250426-WA0010.jpg [2] https://www.istilohot.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [3] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20250426-WA0009.jpg [4] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20250426-WA0010.jpg [5] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20250426-WA0011.jpg [6] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20250426-WA0016.jpg